# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 053 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» барои кори диссертатсионии Аминов Рустамҷон Сафарович дар мавзуи «Паҳншавӣ ва омилҳои таъсиррасонанда ба пайдоиши нуқсонҳои модарзодии минтақаҳои ҷоғу-рӯй дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», пешниҳодшуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.14 – Стоматология**

**Комиссияи экспертӣ дар ҳайатӣ:** доктори илмҳои тиб, профессор Базаров Н.И. (Раис), доктори илмҳои тиб, Султанов Меҳрибон Шамсиевич ва номзади илмҳои тиб, дотсент Зарипов Акбар Раҳмонович бо гузаронидани экспертизаи ибтидоии кори диссертатсионии унвонҷуйи МД “Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона” Аминов Рустамҷон Сафарович дар мавзӯи «Паҳншавӣ ва омилҳои таъсиррасонанда ба пайдоиши нуқсонҳои модарзодии минтақаҳои ҷоғу-руй дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз руйи ихтисоси 14.01.14. – Стоматология, ба хулосаи зерин омадааст:

1. Кори диссертатсионӣ ба ихтисоси 14.01.14 – Стоматология мутобиқат карда мавқеи илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо хуб далелбиёрӣ гардидаанд, ки метавонад ба ҳимояи кушод дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 053 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» қабул карда шавад.

Сарфи назар аз ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар самти ташхис ва табобат, нуқсонҳои модарзодӣ (НМ) то ҳол яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи тандурустӣ ба шумор меравад [Абдураҳимов А.Х., 2014, Абдураҳмонов А.З., 2018, Набиев З.Н., Рахматова.Р.А., 2023].

Дар ҳоли ҳозир дар кишварҳои мухталиф таваллуди кӯдак бо НМ минтақаи ҷоғу-рӯй ба таври васеъ фарқ мекунад. НМ ҷоғу-руй дар байни ҳамаи намудҳои НМ ҷойи дуюмро ишғол намуда шумораи кӯдакон бо ин нуқсон сол аз сол авзоиш ёфта истодааст. Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ) паҳншавии НМ ҷоғу-руй ай руйи ҳисоби миёна аз 1 ба 600 навзод

ташкил медиҳад. Дар солҳои охир тамоюди майл ба афзоии басомади ингуна нуқсонҳо ба назар мерасад, ки НМ ҷоғу - рӯӣ ҷои махсусро ишғол мекунанд [Ершова О.Ю., 2021].

Тадқиқотҳои гузаронидашуда [Рахматова Р.А., 2016, Абдурахимов А.Х., 2015, Абдурахмонов А.З, 2019] дар солҳои охир тамоюли афзоиши таваллуди кӯдакон бо ҳаргуна НМ ба назар мерасад аз ҷумла НМ минтақаи ҷоғ-руй, ки онҳо ҳамчун нуқсонҳои мураккаб аз ҷиҳати ҷорӣ намудани табобат ва ҷанбаҳои барқарорсозӣ онҳо ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки сабабҳои пайдоиши НМ минтақаи ҷоғу - рӯӣ то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст, ки он таҳқиқотҳои минбаъдаро тақозо мекунанд.

Новобаста аз он, ки дар аксари муассисаҳои табобатии ҷумҳурӣ шуъбаҳои ҷарроҳии ҷоғу-руй ташкил карда шуданд, аз ҷумла дар шаҳри Ҳуҷанди вилояти Суғд ва МД “Маркази миллии тиббии ҶТ «Шифобахш» ш. Душанбе ва дигар муассисаҳои табобатӣ, мутаасифона то ба ҳол системаи ягонаи ҳамгироии байнисоҳавӣ оид ба дарёфти саривақтӣ, бақайдгирӣ ва равонасозӣ ба роҳ монда нашудааст, ки он боиси нарасонидани ёрии махсусгардонидашудаи тиббӣ саривақтӣ ба ин кӯдакон мегардад. Айни ҳол шароити мусоид барои гузаронидани тавонбахшии тиббӣ-иҷтимоии кӯдакони гирифтори НМ минтақаи ҷоғу-руй дар заминаи марказҳои махсусгардонидашудаи шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанди вилояти Суғд ва Бохтари вилояти Хатлон имконпазир аст ва бояд бо амалҳои мутафаккири ҳамоҳангшудаи барқарорсозӣ алоқаманд бошанд.

Ҳамин тариқ, масъалаи асоснок кардани интихоби усули табобат хеле мубрам буда, муносибати маҷмӯӣ, ташхиси дақиқ, омӯзиши маълумоти мушоҳидаҳои клиникӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти лабораторӣи маводи интихобшуда бо баҳисобгирии ҷузъи иқтисодӣ, инчунин арзёбии сифати табобат ва мониторинги сифати зиндагии кӯдакони гирифтори НМ минтақаи ҷоғу-руй вобаста ба усули интихобшудаи табобат ва маводи барқарорсозӣ талаб карда мешавад.

2. Оиди мавзӯи диссертатсионӣ 7 кори чопӣ нашр гардидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда, аз чоп баромадаанд.

**Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсионӣ**


[1.] Аминов Р.С. Нуқсонҳои модарзодии рӯй, масъалаҳои тайёрии пешазҷарроҳӣ дар кӯдакон [Матн] / Р.С. Аминов, Р.А. Рахматова // Авджи Зухал. – 2023. – №1. – С. 113-116.

[2.] Аминов Р.С. Беҳтарсозии натиҷаҳои ҷарроҳии ҷоғу рӯй дар кӯдакон бо роҳи такмили усулҳои анестезияи умумӣ [Матн] / Р.С. Аминов, Р.А. Рахматова, Ф.С. Косимова // Илм ва фановарӣ. – 2023. – №4. – С. 78-82.

[3.] Аминов Р.С. Ёрии комплексии тиббӣ ба кӯдакони гирифтори нуқсонҳои модарзодии ҷоғу руй [Матн]/ Р.С. Аминов, Ф.С. Қосимова, Р.А. Рахматова, Р.Н. Ҷонибекова // Авҷи зуҳал. – 2024. - №1. – С.91-98.

[4.] Аминов Р.С. Хусусиятҳои беҳискунӣ дар стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу-рӯй / Р.С. Аминов, Р.А. Рахматова, Ф.С. Қосимова // Илм ва фановарӣ. – 2024. – №1. – С. 96-99.

[5.] Аминов Р.С. Состояние кислотно-основного баланса при общей анестезии на основе пропофола у детей с врожденной расщелиной неба [Текст] / Р.С. Аминов, С.Р. Зоиров, Р.А. Рахматова, Р.Н. Джонибекова, // Материалы 3 – Российского съезда детских анестезиологов-реаниматологов, 2023 г., С. 80-82.

[6.] Аминов Р.С. Анестезия на основе пропофола с изучением состояния центральной и периферической гемодинамики при пороке развития челюстно-лицевой области у детей [Текст] / Р.С. Аминов, Р.А. Рахматова, Р.Н. Джонибекова, Б.Х. Давлатов, С.Р. Зоиров // Материалы 3 – Российского съезда детских анестезиологов-реаниматологов, 2023 г., С. 114-115.

[7.] Аминов Р.С. Состояние кислотно-основного баланса при общей анестезии на Основе пропофола у детей с врожденной расщелиной неба [Текст] / Р.С. Аминов, Ф. Косимова // Сборник материалов «X юбилейный Конгресс педиатров стран СНГ «Ребенок и общество: проблемы здоровья, развития и

питания» и II съезд детских хирургов Центральной Азии» Бишкек, 2023 г. С. 18-19.

3. Автореферати диссертатсия нуктаҳои асосии кори диссертатсиониро инъикос мекунад.

4. Ҳамчун муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» (ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон) тавсия дода шавад;

5. Дар сифати муқарризони расмӣ тавсия дода шавад:

- доктори илмҳои тиб, дотсент ассистенти кафедраи стоматологияи муоличавии МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Муллоджонов Ғайратҷон Элмуродович.

- номзади илмҳои тиб, ҷарроҳ стоматологи КВД «Беморхонаи роҳи оҳани Тоҷикистон» Одинаев Илҳом Исломиддинович.

Комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад, ки нашри эълони ҳимоя, матни рисола ва автореферат дар сомонаи расмии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» ва эълони ҳимоя дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин нашр ва паҳн намудани диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раис:**

**доктори илмҳои тиб, профессор** **Базаров Н.И.**

**Аъзоёни комиссия:**

**доктори илмҳои тиб** **Султанов М.Ш.**

**номзади илмҳои тиб, дотсент** **Зарипов А.Р.**

имзои/подпись Базаров Н.И., Султанов М.Ш., Зарипов А.Р.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
"18" 04 2024 с/г